*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 102 (4685) | ЧОРШАНБЕ, 16 АВГУСТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВМКБ

**Понздаҳуми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ аз рафти тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва суҳбату мулоқот бо сокинон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ташриф оварданд.**

Боздиди кории Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ВМКБ аз ноҳияи Дарвоз оғоз ёфт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Дарвоз нахуст аз ҷараёни корҳои таҷдиду азнавсозии қитъаи роҳи байналмилалии автомобилгарди «Қалъаи Хумб-Ванҷ, сарҳади ноҳияи Рӯшон» дар доираи «Лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Қулма» боздид намуданд.

Ин қитъаи роҳ 109 километрро дар бар гирифта, ҳудуди ноҳияи Дарвоз ҳамоҳангсози он Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳи байналмилалии автомобилгарди «Душанбе-Чаноқ» ва паймонкори асосӣ корпоратсияи чинӣ оид ба сохтмони роҳ ва кӯпрукҳо «Чайна роуд энд бридҷ корпорейшн» мебошад. Раванди корҳои сохтмонӣ дар ин қитъа зери назорати пайваста қарор дорад ва мӯҳлати татбиқи лоиҳа 50 моҳро ташкил медиҳад.

Мутахассисону муҳандисон дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз техникаю механизмҳои муосири роҳсозӣ корҳои сохтмониро дар қитъаҳои гуногун мувофиқи нақша суръат бахшида, барои расидан ба ҳадафҳо аз имконоти мавҷуда пурсамар истифода мекунанд.

Дар ин қитъа дар асоси лоиҳа сохтмони 15 пули мошингузар, ду нақб бо дарозии 5 ҳазору 200 метр, 5 долони зиддитармавӣ бо дарозии 438 метр, 22 ҳазор метр канорадеворҳои оҳану бетонӣ ва сангӣ, гузоштани 200 қубу-



ри обгузар ва чароғонкунии 14 деҳаи ноҳияҳои Дарвоз ва Ванҷ бо дарозии 17,7 километр ба нақша гирифта шудааст.

va Ванҷро убур мекунад. Он аз байни қаторкӯҳҳои Дарвоз гузашта, дар миқёси ҷумҳурӣ роҳи душворгузар ба ҳисоб рафта, солҳои тӯлонӣ таъмири асосиро надидааст.

Баъди пурра таҷдиду азнавсозӣ кардан ин қитъа 16 километр кӯтоҳ мегардад ва дар умум 92,3 километрро ташкил хоҳад дод.

Ёдовар мешавем, ки корҳои сохтмонӣ ва татбиқи лоиҳа дар ин қитъа 27-уми сентябри соли 2021 дар рӯзҳои таҷлил аз Ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ зимни сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Дарвоз оғоз гардида буд.

Фармоишгари лоиҳа Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

То имрӯз 14,5 километр корҳои заминӣ ба анҷом расонида шуда, дар 45 километрии роҳ корҳо мувофиқи нақша дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор доранд. Роҳсозон сохтмони такядеворҳои оҳану бетонӣ ва сангиро низ дар ҳафт қитъа идома медиҳанд. Корҳои тахту ҳамворкунӣ, васеъкунии роҳ, гузоштани қубурҳои обгузар, сохтмони ҷӯйборҳои бетонӣ дар ду канори роҳ, бунёди долону пулҳои мошингузар ва дигар иншооти зарурӣ аз рӯи лоиҳа ба роҳ монда шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)



# НОМАИ ТАСАЛЛИЯТ

**15-уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

«**Муҳтарам Владимир Владимирович!**

Хабари ба ҳалокат расидани одамони зиёд бар асари таркиш дар нуқтаи фурӯши сӯзишвории шаҳри Махачқалъаи Ҷумҳурии Доғистон боиси андӯҳи амиқи мо гашт.

Хоҳишмандам таъзия ва тасаллияти самимии ин ҷонибро ба пайвандону наздикони фавтидагон бирасонед. Ба ҳамаи осебдидагон шифои оҷил хоҳонам».

**www.prezident.tj**





# СИМОИ НОҲИЯИ ДАРВОЗ БОЗ ҲАМ ОБОДУ ЗЕБО ГАРДИДА, ОН БА ҶОЛИБТАРИН МАВЗЕЪ БАРОИ САЙЁҲОНИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ ТАБДИЛ ЁФТААСТ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони ноҳияи Дарвоз

**ноҳияи Дарвоз, 15-уми августи соли 2023**

**Ҳамватанони азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо дарназардошти ин ки мулоқоти имрӯзаи мо дар давраи омодагӣ ба Ҷашни 32-солагии Истиқлолияти давлатӣ баргузор мегардад, ҳамаи сокинони меҳмоннавозу сарбаланди ноҳияи Дарвоз ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷмандро ба ин муносибат табрик гуфта, барои пазироии гарму самимӣ изҳори сипос менамоям. Ҳамчунин, бо қаноатмандӣ иброз медорам, ки мардуми ватандӯсту заҳматқарини ноҳия бо шукргузорӣ аз неъмати озодию соҳибихтиёрӣ ва сулҳу оромӣ дар ҷодаи ободии сарзамини аҷдодӣ ва пешрафти давлати соҳибистиқлоли худ содиқона кору фаъолият карда истодаанд.

Мо имрӯз дар маросими ба фаъолият оғоз кардани якчанд иншооти навбунёд, аз ҷумла як муассисаи муосири таълимӣ, корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ва иншооти дигар, ширкат кардем ва барои сохтмони бинои Беморхонаи марказии ноҳияи Дарвоз санги асос гузоштем.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ хотирнишон намоям, ки ҳамаи ин ободиҳо самараи заҳмати содиқонаи мардуми ноҳия мебошад.

Ҳукумати мамлакат аз оғози даврони истиқлолияти давлатӣ то имрӯз барои таъмин намудани ободию пешрафти ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ва зина ба зина беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардум тамоми тадбирҳои зарурherо амалӣ карда истодааст.

Тайи 32 соли истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 400 миллион сомонӣ равона гардида, дар ин раванд, ҳамчунин, татбиқи 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 485 миллион сомонӣ ба анҷом расонида шудааст. Илова бар ин, ҳоло дар ноҳия татбиқи боз 8 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ идома дорад, ки аз маблағи умумии онҳо то имрӯз 500 миллион сомонӣ аз худ гардидааст.

Танҳо дар самти бунёду азнавсозии роҳҳои мошингард дар ҳудуди ноҳия лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми 975 миллион сомонӣ равона гардида, то ба ҳол қариб 70 километр роҳҳои ҷавобгӯй ба меъёрҳои байналмилалӣ сохта, ба истифода супорида шудаанд.

Тавре ки имрӯз мушоҳида мегардад, ба шарофати роҳҳои бунёдшуда симои ноҳияи Дарвоз боз ҳам ободу зебо гардида, ин гӯшаи Ватани азизамон ба яке аз ҷолибтарин мавзеъҳо барои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ табдил ёфтааст.

Вобаста ба ин масъала, зарур аст, ки роҳбарияти Вазорати нақлиёт, вилоят ва ноҳия сифати иҷрои корҳои сохтмони роҳҳоро ҷиддӣ назорат карда, дар муҳлати муайянгардида ва бо сифати баланд ба анҷом расонидани онҳоро таъмин намоянд.

Ҳадафи Ҳукумати мамлакат аз бунёди роҳҳо ва инфрасохтори муосир дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, аз ҷумла ноҳияи Дарвоз, таъмин намудани рушду тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои таъсиси корхонаю коргоҳҳои истеҳсолӣ, иншооти хизматрасонӣ, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва дар натиҷаи ин иқдомот зиёд гардидани даромади аҳолӣ ва буҷети маҳаллӣ мебошад.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинони ноҳия «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Дарвоз барои солҳои 2021 – 2025» таҳия ва қабул гардидааст, ки дар доираи он иҷрои 108 лоиҳа ба маблағи умумии 405 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Тибқи маълумот то имрӯз 34 лоиҳаи пешбинишуда амалӣ гардидааст, ки ҳамагӣ 34 фоизи иҷрои барномаро ташкил медиҳад.

Барои густариш бахшидани корҳо дар ин самт Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бояд ҳамкориро бо вазорату идораҳо, шарикони рушд ва бахши хусусӣ вусъат дода, тамоми имкониятҳои мавҷударо барои иҷрои барнома сафарбар намоянд.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Ман дар сафарҳои худ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар ҳамеша таъкид месозам, ки ҳодисаю равандҳои дар ҷаҳони имрӯза бамиёномада ба масъалаи таъмин намудани аҳолии дунё бо маҳсулоти кишоварзӣ ва маводи ғизоӣ таъсири манфӣ ва ҷиддӣ расонида истодаанд. Дар чунин шароит, рушди соҳаи кишоварзӣ ва дар ҳама фаслҳои сол бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин намудани бозори дохилӣ аҳамияти стратегӣ дошта, истифодаи самараноку оқилонаи ҳамаи имкониятҳои кишоварзӣ, аз ҷумла обу заминро тақозо менамояд.

Ҳукумати мамлакат, аз ҷониби худ, дар самти афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмин намудани рушди соҳа ҳамаи тадбирҳои заруриро андешида истодааст. Дар натиҷаи тадбирҳои дар ин самт амалигардида тайи ду даҳсолаи охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳияи Дарвоз аз 9,9 миллион сомонии соли 2000-ум ба 63 миллион сомонӣ дар соли 2022 расида, 6,3 баробар зиёд гардидааст.

Дар ин давра, бо заҳмати кишоварзон истеҳсоли картошка 2,6 баробар, сабзавот - 4, мева - 9 ва тухм беш аз 21 баробар афзудааст. Бо вуҷуди пешравиҳои зикршуда, роҳбарону мутахассисони ноҳия, Вазорати кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва тамоми сокинони ноҳия бояд ҳар як ваҷаб заминро боз ҳам беҳтару самаранок истифода бурда, афзоиши минбаъдаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро таъмин намоянд. Дар ин самт, зарур аст, ки ба масъалаи азхудкунии заминҳои нав, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои мавҷуда ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бинобар ин ки соҳаи саноат барои таъмин намудани рушди муназзами иқтисоди мамлакат ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум нақши калидӣ дорад, мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми стратегии миллӣ эълон намудем.

Бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намудани сокинони мамлакат, кам кардани вобастагии иқтисоди миллӣ аз омилҳои берунӣ, ба роҳ мондани истеҳсоли ҳар чӣ бештари маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва афзоиш додани содироти молу маҳсулот ба хориҷи кишвар асоси ин ҳадаф мебошад.

Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки ноҳияи Дарвоз дорои имкониятҳои бузурги саноатӣ буда, дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ин соҳа дар ноҳия хеле тараққӣ кардааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия аз 5,4 миллион сомонии соли 1993 ба 32 миллион сомонӣ дар соли 2022, яъне қариб 6 баробар афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят аз 8,7 фоизи соли 1991 ба 32 фоиз дар соли 2022 расидааст.

Рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия дар натиҷаи тадбирҳои дар самти дастгирии соҳибкорӣ андешидаи Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла бунёди корхонаҳои саноатии «Таком голд», «Парки инноватсионии саноатию технологӣ» ва «Карон – калсит», ки ҳиссаи онҳо дар маҷмӯи маҳсулоти саноатии ноҳия назаррас мебошад, таъмин гардидааст.

Вале дар шаш моҳи аввали соли 2023 корхонаҳои саноатии ноҳия дар ҳаҷми ҳамагӣ 7,5 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта қариб 14 миллион сомонӣ ё 65 фоиз кам мебошад. Яъне, дар ин давра корхонаҳо бо иқтидори пурра фаъолият накардаанд.

Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ аз 11 корхонаи саноатии амалкунанда танҳо 3 корхона суръати рушди истеҳсоли маҳсулотро таъмин намуда, дар 7 корхона ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот коҳиш ёфтааст ва як корхона умуман фаъолият накардааст, ки вазъи баамаломада нигаронкунанда буда, андешидани чораҳои фавриро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, роҳбарияти вилоят ва ноҳия якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав бояд сабабҳои коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулотро дар корхонаҳои саноатии ноҳия мушаххас намуда, барои бартараф намудани ҳолати бамиёномада чораҳои фаврӣ андешанд.

Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки имкониятҳои ноҳия дар самти истихроҷ ва коркарди маъдан (аз ҷумла литий) омӯхта, барои ба роҳ мондани истеҳсоли саноатии маҳсулоти тайёри филизӣ корбарӣ карда шавад.

Рушди бахши хусусӣ зери таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати кишвар қарор дорад, зеро ҳиссаи он дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар хеле назаррас мебошад. Хотирнишон менамоям, ки расидан ба ҳадафҳои гузоштташуда танҳо тавассути тақвияти ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва дастгирии соҳибкорон имконпазир мегардад.

Ҳоло дар ноҳияи Дарвоз 848 субъекти соҳибкорӣ фаъолият дошта, соҳибкорон дар пешрафти соҳаҳои саноату кишоварзӣ, бахши хизматрасонӣ ва корҳои ободонию бунёдкорӣ саҳми арзишманд гузошта истодаанд.

Бояд гуфт, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Дарвоз дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 9 иншооти энергетикӣ ба маблағи қариб 11 миллион сомонӣ бунёду таҷдид карда шудааст.

Илова бар ин, ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ба анҷом расонидани сохтмони хатти интиқоли барқи 35-киловолтаи Ширговад ба масофаи 30 километр ба нақша гирифта шудааст, ки барои боз ҳам беҳтар таъмин гардидани аҳолӣ бо неруи барқ мусоидат менамояд.

Вобаста ба ин, Вазорати энергетика ва захираҳои обро зарур аст, ки якҷо бо Ширкати «Помир энерҷи» барои бо неруи барқ боз ҳам беҳтар таъмин намудани истифодабарандагон ва устувории низоми барқрасонӣ дар ноҳия чораҳои иловагӣ андешанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ афзалият дода, барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар ин самт то имрӯз ҳамаи имкониятҳоро сафарбар карда истодааст. Масалан, дар ин давра дар ноҳияи Дарвоз 34 бинои нави муассисаҳои таълимӣ барои беш аз 5300 хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Мо имрӯз як муассисаи нави таълимӣ – Гимназияи рақами як барои хонандагони болаёқатро бо 840 ҷойи нишаст, ки бо беҳтарин шароиту имкониятҳои илму донишомӯзӣ таъмин гардидааст, ба истифода супоридем ва умед дорем, ки ин туҳфаи Ҳукумати мамлакат барои боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи дониши фарзандони мардуми ноҳия мусоидат менамояд.

Қобили зикр аст, ки сатҳи дохилшавии хатмкардагони муассисаҳои таълимии ноҳияи Дарвоз ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 94 фоизро ташкил медиҳад, ки яке аз баландтарин нишондиҳанда дар миқёси кишвар ба ҳисоб меравад. Дар соли таҳсили 2021 – 2022 аз 327 нафар шогирдони мактабҳои ноҳия 307 нафар ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил шудаанд.

Дар 26 соли охир, яъне аз оғози ҷорӣ гардидани Квотаи президентӣ аз ноҳияи Дарвоз танҳо аз ин ҳисоб 535 нафар (292 духтар ва 243 писар) ба ихтисосу равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, фарҳанг, варзиш, энергетика, техникию технологӣ ва кишоварзии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул карда шудаанд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВМКБ

(Идома аз саҳ. 1)

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор, беҳтар намудан ва ба талаботи замон ҷавобгӯ сохтани инфрасохтори соҳаи роҳу нақлиёт тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд. Дар ҳамин замина баъди раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ татбиқи ҳадафи дигар - табдил додани Тоҷикистон ба мамлакати транзитӣ оғоз гардид.

Бо ин мақсад имрӯзҳо дар соҳаи нақлиёт татбиқи 17 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии зиёда аз 11 миллиард сомонӣ идома дошта, сохтмони қитъаи роҳи байналмилалии автомобилгарди «Қалъаи Хумб-Ванҷ, сарҳади ноҳияи Рӯшон» як қисми ин лоиҳаҳои муҳим мебошад. Меъёр ва қоидаҳои сохтмонӣ дар ин қитъа ба дараҷаи 3-юми техникӣ дохил мегардад. Роҳи бунёдшаванда аз ду хатти ҳаракат иборат аст, ки паҳнои стандартии он 12 метрро ташкил медиҳад. Қисмати паҳнои роҳи мошингард ҳафт метр мумфарш мегардад.

Дар қитъаи роҳи байналмилалии автомобилгарди «Қалъаихумб - Ванҷ, сарҳади Рӯшон» 648 нафар мутахассис бо ҷойи кор таъмин буда, бо истифода аз 206 техникаю механизми муосири роҳсозӣ ва дастгоҳи пармакунии нав корҳои тахту ҳамворкунӣ ва нақбканиро идома медиҳанд.

Корҳои хокканӣ дар ин қитъа дар асоси нақша то имрӯз дар ҳаҷми беш аз 4 миллиону 242 ҳазор метри мукааб, хокрезӣ 119 ҳазор метри мукааб, бартараф кардани мумфарши қаблӣ 5 ҳазору 600 метри мукааб, корҳои хокканӣ дар нақби рақами 1-и деҳаи Кеврон 55 ҳазор метри мукааб ва дар нақби рақами 2-и деҳаи Тогмай 4 ҳазору 214 метри мукааб иҷро гардидааст.

Ҳамчунин мутахассисону роҳсозон дар нақби рақами 1 дар ҳаҷми 2 ҳазору 500 метри мукааб корҳои бетонӣ, беш аз 510 метри мукааб корҳои арматурбандӣ ва бетонрезии сутунпояҳои пули рақами 5 дар ҳаҷми 3 ҳазору 900 метри мукааб корҳои оҳану бетонии такядеворҳо, 2 ҳазору 518 метри мукааб торкрет бетон дар нақби рақами 1 ва 2 ҳазору 390 метри мураббаъ тоза намудани қабати ҳосилхезро ба анҷом расондаанд.

Дар роҳи мазкур корҳои кӯчонидани хатҳои коммуникатсионии муҳандисӣ идома дошта, 6,7 километр хатҳои алоқа ва 2,6 километр хати барқ иҷро шуда, омода намудани масолеҳи оҳану бетонӣ ва захира кардани қуму шағал аз рӯи нақша идома дода мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо мутахассисону муҳандисон барои боз ҳам суръат бахшидан ба раванди роҳсозӣ, мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ ва дар муҳлати муайянгардида мавриди баҳрабардорӣ қарор додани ин қитъа ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Ҳадаф аз таҷдиду азнавсозии роҳи байналмилалии автомобилгарди «Қалъаи Хумб - Ванҷ, сарҳади ноҳияи Рӯшон» таъмини бехатарӣ ва ҳаракати муътадили воситаҳои нақлиёт, аз ҷумла ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани ҳолат ва андозаҳои геометрии роҳ, инчунин сарфа намудани вақт ва сӯзишворӣ барои кашондани молҳои ниёзи мардум дар ҳама фасли сол, таъмини ҷойҳои корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, мебошад.

Бо таҷдиду азнавсозии масири мазкур рафтуомади доимии сокинон таъмин гашта, интиқоли молу маҳсулот афзоиш хоҳад ёфт.

**15-уми августи соли 2023 дар ноҳияи Дарвоз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Майдони ромишгарон»-ро бо муҷассамаҳои арбобони санъат ифтитоҳ намуданд.**

Ба хотири гиромидошти хотираи неки шахсони барӯманди соҳаи фарҳанг ва санъати тоҷик дар даромадгоҳи асосии ноҳияи Дарвоз бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайкараҳои ҳунарманди халқии Тоҷикистон, арбоби санъати тоҷик - Акашариф Ҷураев, ромишгари классики тоҷику форс - Борбади Марвазӣ ва ҳунарманди халқии Тоҷикистон - Абдулло Назрӣ қомат афрохтааст. Муҷассамаи ин чеҳраҳои мондагор бо саҳми соҳибкорони ватанӣ аз тарафи ҳайкалтарошони мумтози тоҷик бо санъати баланди наққошӣ сохта шудааст.

Бояд гуфт, ки дар ноҳияи Дарвоз даҳҳо нафар нобиғаҳо, шахсиятҳои барҷастаи илму фарҳанг ба камол расида, дар рушду пешрафти Тоҷикистон нақши босазо гузоштаанд. Акашариф Ҷӯраев ва Абдулло Назрӣ аз зумраи шахсиятҳое мебошанд, ки мактаби касбии онҳоро имрӯз фарзандону пайравонашон идома медиҳанд. Акашариф Ҷӯраев давомдиҳандаи анъанаҳои санъати мусиқии халқи тоҷик буда, суруду таронаҳои эҷодкардааш мондагору вирди забонҳост.

Борбади Марвазӣ аз ҷумлаи маъруфтарин чеҳраи ҳунари безаволи тоҷик аст, ки ӯро шоҳи ромишгарон унвон додаанд.

Дар ҳамон ҷо бо иштироки фарзандону пайравони Акашариф Ҷӯраев, Абдулло Назрӣ ва аҳли санъату ҳунари ноҳия барномаи рангини фарҳангӣ аз эҷодиёти ин чеҳраҳои дурахшони санъати асили мусиқии тоҷик пешниҳод карда шуд.





Қомат афрохтани пайкараи чеҳраҳои тобноки санъату фарҳанги тоҷик дар заминаи сиёсати фарҳангдӯстонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, барои гиромидошти шахсияти онҳо мусоидат мекунад.

**15-уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Дарвоз бинои хуштарҳу замонавии Гимназияи рақами 1 барои хонандагони болаёқатро ифтитоҳ намуданд.**

Бинои муҳташами таълимӣ сеошёна буда, дар асоси дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи тадбирҳои созандагию бунёдкорӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст барои беҳтар гардидани сатҳу сифати таълим ва донишомӯзии хонандагон сохта шудааст ва он дар масоҳати 2 ҳазору 160 метри мураббаъ бунёд ёфта, барои 840 нафар хонанда пешбинӣ гардидааст.

Дар гимназия беш аз 50 нафар омӯзгори соҳибтахассус кору фаъолият менамоянд.

Даргоҳи нави маърифат аз 28 синфхонаи муҷаҳҳази фаннӣ, аз ҷумла биология, химия, физика, математика, синфхонаҳои компютерӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ, китобхонаю толори барҳавои хониш, ҳуҷраҳои корӣ барои омӯзгорону кормандони муассиса ва дигар иншооти ёрирасон, иборат мебошад.

Бинои муассисаи таълимӣ, ҳамчунин, дорои ошхона бо 80 ҷой буда, толори маҷлисии он бо санъати баланд ва шароиту имконоти муосир бунёд ёфтааст. Толор дорои 220 ҷойи нишаст буда, барои гузаронидани ҷамъомаду чорабиниҳои фарҳангӣ мувофиқ мебошад. Маҷлисгоҳи гимназия бо мизу курсии босифат ва дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ таъмин буда, бо санъати миллии меъморӣ оро ёфтааст.

Таълим дар ин даргоҳи маърифат бо забонҳои тоҷикӣ ва русию англисӣ дар асоси барномаҳои давлатии таълимии соҳавӣ ба роҳ монда шудааст. Назорату идораи таълими хонандагон дар гимназия дар асоси барномаҳои иттилоотӣ ташкил гардида, он дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон беназир дониста мешавад.

Дар гимназия ба омӯзиши фанҳои дақиқ таваҷҷуҳи зиёд равона гардида, синфхонаҳои фаннӣ дар доираи татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) бо тамоми лавозимоту аёнияти таълимӣ муҷаҳҳаз карда шудааст.

Ба хотири рушди намудҳои гуногуни варзиш дар гимназия толори алоҳидаи варзишӣ бунёд ёфта, он барои навъҳои гуногуни варзиш, аз ҷумла волейболу баскетбол ва футбол, пешбинӣ гардидааст. Ҳамчунин, дар назди бинои таълимӣ майдони алоҳидаи футбол ташкил гардидааст, ки барои гузаронидани тамринҳои гуногун мусоид мебошад.

Корҳои сохтмонӣ дар бинои зебои таълимӣ моҳи октябри соли 2022 оғоз ёфта, бо ҷалби мутахассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мактаби сохташавандаи Бадахшон» аз рӯи лоиҳаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Кохи сафед» бо риояи санъати хоси меъмории миллию аврупоӣ ба анҷом расидааст.

Бо мавриди истифода қарор гирифтани иншоот барои боз ҳам такмил додани дониш ва рушди истеъдоду маҳорати хонандагони болаёқати ноҳияи Дарвоз имконияти хуб фароҳам омад.

Даргоҳи маърифат дорои шабакаи мустақили гармидиҳӣ буда, тариқи он синфхонаҳо дар фасли сармо гарм нигоҳ дошта мешаванд.

Бунёд ва ба истифода супоридани бинои зебою муҳташами таълимӣ дар маркази ноҳияи Дарвоз ин идомаи мантиқии сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо ин роҳ беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, ҷорӣ кардани усулҳои замонавии таълим ва тарбияи хонандагони болаёқат дар рӯҳияи илмомӯзӣ ва ватандӯстӣ мебошад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити замонавии таълиму тарбияи насли наврас дар бинои нави таълимӣ барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон ба масъулон маслиҳатҳои муфид доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи гимназияро туҳфаи арзишманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аҳли маорифи ноҳияи Дарвоз дар арафаи соли нави хониш арзёбӣ карда, омӯзгоронро ба беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, дар замири хонандагон бедор сохтани эҳсоси ватандӯстию хештаншиносӣ, арҷ гузоштан ба таъриху тамаддуни халқ ва муқаддасоти миллӣ ва ба роҳ мондани робитаи зич бо падару модарон ҳидоят карданд.

Омӯзгорон дар навбати худ ба ғамхориҳои беназири Сарвари маорифпарвари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори миннатдорӣ намуда, иброз доштанд, ки бо фароҳам гардидани чунин шароити муосир дар таълиму тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ саҳми бештар хоҳанд гузошт.

Дар ноҳияи Дарвоз айни ҳол 48 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 28 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 6 муассисаи таҳсилоти асосӣ ва 14 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, фаъолият доранд, ки дар онҳо беш аз 4200 нафар ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, 607 омӯзгор ба насли наврас дарс меомӯзонанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Дарвоз дар доираи татбиқи ҳадафҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 муассисаи таълимӣ сохта, ба истифода дода шудааст, ки дар ин тадбири созанда саҳми соҳибкорони ватанӣ низ назаррас мебошад.

**15-уми августи соли равон дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Дарвоз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳмонхонаи замонавии «Дарвоз Континентал»-ро ифтитоҳ намуданд.**

Иншооти нави хизматрасонӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо иқдоми соҳибкорони ватанӣ бунёд гардидааст.

Меҳмонхонаи замонавии чорситорадор аз чор ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои 17 ҳуҷра, аз ҷумла як ҳуҷраи президентӣ, мебошад.

Масоҳати умумии иншоот 1200 метри мураббаъро ташкил дода, дар он дигар инфрасохтори зарурӣ, аз қабили маркази савдо ва хизматрасонӣ, ошхона, дорухона ва толори варзишию солимгардонӣ, барои мизоҷон фароҳам оварда шудааст.

Бо бунёди ин иншооти хизматрасонии сайёҳӣ 20 нафар сокини ноҳия бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Тамоми таҷҳизот ва лавозимоти меҳмонхона истеҳсоли ватанӣ буда, хизматрасонӣ дар он тибқи талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ба роҳ монда шудааст.

Меҳмонхонаи «Дарвоз Континентал» аз иншооти муосирест, ки дар маркази ноҳияи Дарвоз ба хотири ободии як гӯшаи диёр, ҷалби сайёҳон ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ бунёд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Дар ноҳияи Дарвоз айни ҳол 13 меҳмонхонаи замонавӣ, 9 ҳовмстей, истироҳатгоҳ, минтақаи шикор, ширкати сайёҳӣ, 26 мавзеи таърихию фарҳангӣ ва 5 мавзеи саёҳати экологӣ мавҷуд мебошад.

Тибқи иттилоъ аз оғози соли равон то инҷониб зиёда аз 3 ҳазор сайёҳи хориҷӣ ба тамошои ин гӯшаи зебои Тоҷикистон омадаанд. Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва саҳми шахсони саховатманди ин ноҳияи зебоманзару дурдасти кӯҳистони Тоҷикистон – Дарвоз ободу зебо ва рушд ёфта, дар баробари пешрафти дигар соҳаҳо дар бахши сайёҳӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия ва боздиди шумораи зиёди сайёҳони хориҷӣ бозгӯи он аст, ки сайёҳӣ дар ин мавзеъ соҳаи ояндадор аст. Бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ, табиати нотакрор, ёдгориҳои қадимаи таърихию фарҳангӣ сайёҳии кӯҳнавардӣ, сайру саёҳат, этнография ва сайёҳии экологӣ дар ноҳияи Дарвоз хеле рушд кардааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо шароити меҳмонхонаи муосир ба иқдоми соҳибкорони ватанӣ баҳои баланд доданд.

**15 -уми августи соли равон дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Дарвоз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи бунёди бинои нави Беморхонаи маркази ноҳия шинос шуданд.**



Иттилоъ дода шуд, ки иншооти мазкур бо мақсади баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар доираи тадбирҳои ободонию бунёдкорӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд бунёд карда мешавад.

Зимни муаррифии лоиҳа ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки бинои нави Беморхонаи маркази ноҳияи Дарвоз сеошёна буда, аз 100 кати хоб иборат мебошад.

Бинои нави беморхона дар заминаи бинои ҳозираи беморхона, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ нест, бунёд мегардад.

Пас аз анҷоми корҳои сохтмонӣ бинои нав бо таҷҳизоти муосири соҳавӣ муҷаҳҳаз мешавад. Сохтмони бинои нави беморхона дар рӯзҳои таҷлили ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ туҳфаи арзишманди Ҳукумати мамлакат барои сокинон ба шумор меравад.

Айни ҳол Беморхонаи маркази ноҳияи Дарвоз дорои панҷ шуъба буда, ба 22 ҳазору 700 нафар аҳолии ноҳия хизмати тиббӣ мерасонад. Ҳоло дар ноҳия 28 бунгоҳи тиббӣ, 7 маркази саломатӣ ва 2 беморхонаи минтақавӣ бо 50 кати хоб фаъолият дорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дар фурсати муайяншуда ва ба меъёрҳои муосир ҷавобгӯ сохтани бинои нави Беморхонаи маркази ноҳияи Дарвоз ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Ҳамчунин дар ҳамон ҷо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи бунёди бинои нави Шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Дарвоз муаррифӣ гардид.

Тибқи лоиҳа бинои шуъба аз се ошёна иборат буда, бо назардошти талаботи замони муосир бунёд мегардад ва дар он ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ барои иҷрои уҳдадориҳои касбӣ ва пешрафти фаъолияти хизматӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда мешавад.

**15 - уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Дидбонгоҳи сарҳадии «Қалъаи Хумб»-ро ифтитоҳ намуданд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар отряди сарҳадии «Дарвоз» дидбонгоҳҳои муосири сарҳадии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои Мурғоб, Ишкошим, Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Фархор, Шамсиддини Шоҳин ва Панҷи вилояти Хатлонро, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати хеле кӯтоҳ бо сатҳу сифати баланд ва бо техникаву таҷҳизоти муосири низомӣ муҷаҳҳаз бунёд шудааст, ба таври маҷозӣ мавриди истифода қарор доданд.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба шароити муосири хизмат ва омодагии ҳайати низомӣ барои ҳифзи марзи давлатӣ дар дидбонгоҳҳои нав фармондеҳони отрядҳои сарҳадӣ дар ноҳияҳои Мурғоб, Ишкошим, Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ҳамчунин дар ноҳияҳои Фархор, Шамсиддини Шоҳин ва Панҷи вилояти Хатлон гузориш доданд.

Дидбонгоҳи сарҳадии «Қалъаи Хумб» - и Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ҳифзи сарҳади давлатӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб барои сарҳадбонон аз сифр бунёд гардида, дар он барои адои хизмати афсарону сарбозон тамоми имконият муҳайё карда шудааст.

Корҳои сохтмонӣ дар иншооти низомӣ моҳи феврали соли 2023 оғоз гардида, бинои дидбонгоҳи сарҳадӣ дар муҳлати кӯтоҳ мутобиқ ба талаботи замон сохта ба истифода дода шуд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки Дидбонгоҳи сарҳадии «Қалъаи Хумб» аз маҷмааи бинои хонаи сарбозон бо 3 ҳуҷраи хоб барои 60 нафар иборат буда, бо тамоми лавозимоти хизмат, аз қабили рахти хоб, маводи шустушӯии шахсӣ барои ҳар як сарбоз, пурра таъмин мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар дидбонгоҳи сарҳадӣ ошхонаи замонавӣ, ҳаммоми муосир бо ҳуҷраи буғӣ, ҳуҷраҳои маишию хизматӣ, китобхона, сартарошхона, ҳуҷраҳои кории хизматӣ, анборҳои нигоҳдории силоҳ ва дигар иншооти ёрирасон ҷойгир мебошанд, ки бо тамоми таҷҳизоту воситаҳои зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Дар ҷойи хӯроктайёркунии афсарону сарбозони дидбонгоҳ барои хизматчиёни ҳарбӣ таҷҳизоти муосири автоматикунонидашуда насб карда шудааст, ки ин тадбир кори сарбозонро ҳангоми омода намудани хӯрок ва пухтани нон осон менамояд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# СИМОИ НОҲИЯИ ДАРВОЗ БОЗ ҲАМ ОБОДУ ЗЕБО ГАРДИДА, ОН БА ҶОЛИБТАРИН МАВЗЕЪ БАРОИ САЙЁҲОНИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ ТАБДИЛ ЁФТААСТ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони ноҳияи Дарвоз

ноҳияи Дарвоз, 15-уми августи соли 2023

(Идома аз саҳ. 1)

Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи Квотаи президентӣ 105 нафар ҷавонони ноҳия таҳсил карда истодаанд, аммо дар баробари ин, хотирнишон менамоям, ки дар соҳаи маорифи ноҳия ҳанӯз ҳам як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз ҷумла нарасидани асбобу таҷҳизот барои кабинетҳои фаннӣ, иҷро нагардидани барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва дар ҳолати садамавӣ қарор доштани чор муассисаи таълимӣ, вуҷуд доранд, ки сохтору мақомоти дахлдор бояд онҳоро ҳар чӣ зудтар ҳаллу фасл намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чунонки борҳо ибрози дошта будам, саломатии миллат боигарии давлат ба ҳисоб рафта, Ҳукумати мамлакат ғамхорӣ барои ҳифзи солимӣ ва дарозумрии аҳолиро, ки дар натиҷаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба даст меояд, аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ мешуморад. Ҳамин аст, ки дар 32 соли замони соҳибистиқлолӣ буҷети соҳаи тандурустии ноҳия сол ба сол афзоиш ёфта, нисбат ба солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ садҳо баробар зиёд гардидааст.

Илова бар ин, дар давраи зикршуда бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои тиббии ноҳия бо таҷҳизоти тиббӣ, маводи доруворӣ, муҳофизатӣ ва безараргардонӣ беш аз 11 миллион сомонӣ равона карда шудааст. Танҳо дар солҳои 2021 – 2022 барои таъмиру сохтмони иншооти тандурустӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия беш аз 4 миллион сомонӣ аз худ гардидааст.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар солҳои соҳибистиқлолӣ нишондиҳандаи фавти кӯдакони синни то яксола дар ноҳия қариб 17 баробар коҳиш ёфтааст. Ҳодисаи фавти модар ҳангоми таваллуд дар солҳои охир ба қайд гирифта нашудааст.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ роҳбарияти ноҳия ва масъулини соҳаро зарур аст, ки ба масъалаи истифодаи мақсадноки маблағҳои ҷудогардида, таҷҳизоти тиббӣ ва таҳкими базаи моддиву техникии муассисаҳои тандурустӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар натиҷаи заҳмати созандаи сокинони ноҳия дар зарфи солҳои истиқлолияти давлатӣ дар маркази он – Қалъаи Хумб, инчунин, дар деҳоти ноҳия биноҳои таъиноташон гуногун бо тарҳу тарзи замонавӣ бунёд гардида, ин гӯшаи Ватанамонро ба яке аз маконҳои зеботарину ҷолиб табдил додаанд.

Дар доираи корҳои ободонию бунёдкорӣ ба ифтихори Ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳия 102 иншооту биноҳои нав ба маблағи беш аз 106 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шудаанд.

Ҳоло барои боз ҳам ободу зебо гардонидани ноҳия дар доираи «Нақшаи чорабиниҳои корҳои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ 117 иншооти таъиноти гуногун ба маблағи 191 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шуда, то имрӯз ба маблағи 79 миллион сомонӣ 57 иншоот (43 фоиз) сохта, ба истифода дода шудааст, ки ин нишондиҳандаи хуб ва қобили таҳсин мебошад. Бо вуҷуди ин, зарур аст, ки корҳои ободонию созандагӣ боз ҳам вусъат бахшида, доир ба нигоҳубини иншооти ифтитоҳгардида ва сари вақт ба истифода додани иншооти ба нақша гирифташуда тадбирҳои сариваҷтӣ андешида шаванд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи масъулини вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ сафарбар намудани мардум ба таъмин намудани рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, тақвияти корҳои созандагию ободкорӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолу озодӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот мебошад.

Ба заҳмати созандаю ободгарона ҳидоят кардани мардум, ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунарҳои замонавӣ роҳнамоию ташвиқ намудани наврасону ҷавонон, дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарастӣ, одобу ахлоқи ҳамида ва риояю эҳтироми қонун тарбия кардани онҳо вазифаи муҳимтарини шумо – роҳбарону фаъолон, аҳли зиё ва падару модарони муҳтарам мебошад. Илова бар ин, ҳар яки мо бо назардошти вазъи ноороми ҷаҳони имрӯза ҳамеша ҳушёру зирак ва барои ҳимояи манфиатҳои миллату давлатамон омода бошем, суннатҳои неки миллиамон, аз ҷумла сарфаю сариштакориро ба таври қатъӣ риоя намоем.

Бовар дорам, ки мардуми сарбаланди ноҳияи Дарвоз суннату анъанаҳои неки ободгаронаи миллати куҳанбунёди тоҷикро минбаъд низ идома бахшида, бо иттиҳоду сарҷамъӣ, ҳисси баланди миллӣ ва ифтихори ватандорӣ ба хотири рушду тараққиёти кишвари соҳибистиқлоламон саъю талош мекунанд ва дар раванди созандагии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон чун ҳарвақта саҳми арзишманд мегузоранд.

Бори дигар кулли сокинони ватандӯсту сарбаланд ва заҳматқарини ноҳияи Дарвозро ба ифтихори Ҷашни бузурги Истиқлолияти давлатӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар як сокини ноҳия барои амалӣ гардонидани ҳадафу ормонҳои нек барору муваффақият ва хонаи ободу рӯзгори пурфайз орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**

# САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВМКБ

(Идома аз саҳ. 1, 2)

Дидбонгоҳи сарҳадии «Қалъаи Хумб» дорои системаи алоҳидаи гармидиҳӣ мебошад. Гармии хонаҳои сарбозон, ҳуҷраҳои хизматӣ ва манзилҳои афсарон ба воситаи он таъмин карда мешаванд.

Бо мақсади бо ҷойи истиқомат таъмин намудани афсарон дар назди Дидбонгоҳи сарҳадии «Қалъаи Хумб» 4 манзили зисти дуҳуҷрадор бо ошхона ва ҳаммоми алоҳида барои оилаҳои афсарон сохта шудааст. Манзилҳои истиқоматӣ аз ҷиҳати сохтмонӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бунёд гардида, бо тамоми лавозимоти рӯзгор, аз қабили техникаи маишӣ ва мебели нав, пурра таъмин карда шудааст. Дар саҳни бинои дидбонгоҳ барои истироҳату фароғати фарзандони афсарон майдончаи замонавӣ сохта шудааст.

Ҳамзамон дар ҳудуди дидбонгоҳи навбунёд иншооти зарурӣ, аз ҷумла анбор барои нигоҳдории маҳсулоти хӯрокворӣ, сабзавот, хоҷагидорӣ, сӯзишворӣ ва амволи шайъӣ, ҷой барои нигоҳдории воситаҳои нақлиёт, майдони сафороии сарбозон ва майдончаи варзишӣ, ташкил гардидааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба шароити муҳайёгардида дар дидбонгоҳи навбунёд бо афсарону сарбозон суҳбати озоду самимӣ анҷом дода, онҳоро ба хизмати софдилона ба нафъи Ватан ҳидоят намуда, таъкид карданд, ки сарҳадбонон бояд чун сипари боэътимод сарҳади давлатиро аз ҳама гуна таҳдиду хатарҳои замони нав, бахусус гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои фаромиллӣ, ҳифз намоянд.

**15 - уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Дарвоз бо роҳбарону фаъолони ноҳия мулоқоти самимӣ доир карданд.**

Баъди суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як гурӯҳ сокинони ноҳия, собиқадорону ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯи соли сеюми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зарафшон Ҳомидова ва нафақахӯр Гулписар Акобирова, суханронӣ карда, ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирию ғамхориҳои рӯзафзун изҳори сипосу миннатдорӣ карданд.

**15 - уми августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Дарвозро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Иншоот дар масоҳати 310 метри мураббаъ бунёд шуда, аз 2 ошёна иборат мебошад. Корҳои сохтмониро сокинони маҳаллӣ дар асоси талабот ва бо сифати баланд анҷом додаанд. Намои берунаи бино бо нақшу нигори миллӣ оро ёфта, ба талаботи меъмории замони муосир ҷавобгӯ мебошад.

Иншооти наву замонавии муҷаҳҳаз бо лавозимоту таҷҳизоти зарурӣ ба кормандони Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Дарвоз имкон медиҳад, ки барои татбиқи сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалинамоии нақшаю барномаҳои ободинию бунёдкорӣ ва тарғибу ташвиқи ғояҳои миллӣ фаъолияти назаррас намоянд.

Дар ошёнаи якуми бино ҳуҷраҳои корӣ, маҷлисгоҳ бо 30 ҷои нишаст ва иншооти ёрирасон ҷойгир аст. Дар ошёнаи дуюм бойгонӣ ва китобхона бо адабиёти бадеӣ ва соҳавӣ ташкил кардаанд, ки кормандон метавонанд аз он ба таври васеъ истифода намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандонро ба ҳисси масъулияти ватандӯстӣ, худшиносию худогоҳӣ, саҳм гузоштан дар корҳои ободонию созандагӣ ва ҳифзи дастовардҳои даврони истиқлолияти давлатӣ ҳидоят намуда, ба сокинони ватанпарвари ноҳияи Дарвоз барои саҳм гузоштан дар бунёди чунин иншооти замонавӣ изҳори сипос карданд.

**15 - уми августи соли 2023 дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Дарвоз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Корхонаи истеҳсоли омехтаҳои хушки сохтмонӣ ва ранги Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шимшо» (Shimsho)-ро ба истифода супориданд.**

Корхонаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи «Солҳои рушди саноат» (солҳои 2022-2026) дар деҳаи Дуробаки деҳоти «Қалъаи Хумб» аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Самандар Суннатзода бунёд гардидааст.

Бо таъсиси корхона 25 нафар, ки аксари онҳо сокинони маҳаллӣ мебошанд, бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин шуданд.

Бо дарназардошти истеҳсоли масолеҳи сохтмонии дорои маводи кимиёвӣ фаъолияти корхона тибқи меъёрҳои соҳавӣ дар як шабонарӯз 10 соати корӣ ба роҳ монда шуда, иқтидори истеҳсолии он дар як соат ба таври автоматӣ 8 тонна омехтаҳои хушки сохтмонӣ ва 700 литр ранги ороишӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар корхона дар як шабонарӯз 80 тонна ва солона 15 ҳазору 500 тонна омехтаҳои хушки сохтмонӣ ва рангҳои ороишӣ бошад, дар як шабонарӯз 7000 ва солона 1 миллиону 344 ҳазор литр истеҳсол карда мешавад.

Зимни шиносоӣ бо ҷараёни истеҳсолот Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми созандаи соҳибкорони ватанӣ дар самти таъсиси корхонаи нави саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот пешбинишуда баҳои баланд доданд. Иттилоъ дода шуд, ки хатҳои муосири технологӣ ба корхона аз Ҷумҳурии Мардумии Чин дастрас шудааст, ки онро мутахассисони тоҷик васлу насб намуда, идора менамоянд.

Ашёи хом - калсит, оҳак, гаҷ ва маҳлулҳои дигари кимиёвӣ аз конҳои маҳаллӣ ба корхона ворид мегардад.

Ҳадаф аз таъсиси корхонаи муосири саноатӣ истифодаи босамари захираҳои мавҷудаи табиӣ, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ то марҳилаи ниҳоӣ ва бо ин восита истеҳсоли маҳсулоти босифати ватанӣ мебошад.

Рангҳо ва омехтаҳои хушки сохтмонӣ, ки дар ин корхона истеҳсол мешавад, аз лиҳози намуд ва сифат ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, дар бозорҳо рақобатпазир мебошад.

Бояд гуфт, ки омехтаҳои хушки сохтмонӣ дар халтаҳои 20, 25 ва 30 киллограм ва ранги ороишӣ дар қуттиҳои аз 10 то 20 - литра бастабандӣ мегардад.

Раванди истеҳсоли омехтаҳои хушки сохтмонӣ аз чанд марҳила, аз ҷумла равона кардани хокаи калсит, омехта кардани он ба семент, гаҷу оҳак ва бастабандии маҳсулоти тайёр, иборат аст.

Дар соҳаи сохтмон омехтаҳои хушки сохтмонӣ ва ранг барои ороиши намои беруна ва дохили бинои иншооти гуногун васеъ истифода мегардад. Бо зиёд шудани талаботи аҳолӣ ширкатҳои сохтмонӣ ва бозорҳо ба ин навъи масолеҳи сохтмонӣ ҳаҷми истеҳсолот афзоиш дода шуда, теъдоди кормандон низ зиёд мегардад.

Дар корхонаи истеҳсолӣ анборҳои алоҳидаи маҳсулоти хом ва тайёр мавҷуд буда, иншооти ёрирасон, аз қабили ошхона ва нуқтаи дастшӯӣ, низ сохта шудааст.

Корхонаи истеҳсолӣ дорои озмоишгоҳи замонавӣ мебошад, ки мутахассисон бо истифода аз таҷҳизоти муосир сифати маҳсулотро дақиқ санҷида, баъдан ба бозорҳои мамлакат пешниҳод менамоянд.

Дар даромадгоҳи корхонаи истеҳсоли омехтаҳои хушки сохтмонӣ ва ранги Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шимшо» (Shimsho) намунаҳои маҳсулоти истеҳсолшуда муаррифӣ гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки айни замон дар ноҳияи Дарвоз 15 корхонаи саноатӣ мавҷуд буда, дар онҳо асосан, молу маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда истеҳсол карда мешавад.

Дар 7 моҳи соли ҷорӣ дар ноҳия ба маблағи 11 миллиону 572 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шудааст.

Дар раванди татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар сармоягузорону соҳибкорони ватанӣ саҳми арзишманд мегузоранд. Ин тадбир дар афзоиши истеҳсолоти худӣ, таъмини сокинон бо ҷойи кор ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум нақши муҳим дорад.

Барои тозаю озода нигоҳ доштани муҳити атроф ва ободу зебо гардидани ҳудуди корхонаи истеҳсоли омехтаҳои хушки сохтмонӣ ва ранги Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шимшо» гулу буттаҳои мавсимӣ ва дарахтони сояафкани ҳамешасабзу ороишӣ шинонида шудааст.

**15 – уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Дарвоз Корхонаи истеҳсоли макарони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ратели Паста»-ро ифтитоҳ намуданд.**

Корхонаи истеҳсоли макарон дар партави иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи «Солҳои рушди саноат» бо мақсади таъмин намудани бозорҳои дохилӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ аз тарафи соҳибкорони ватанӣ бо 12 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

Аксари коргарони корхона занону бонувони маҳаллӣ мебошанд, ки қаблан хонашин буданд.

Дар корхонаи нави саноатӣ аз навъҳои гандум ва орди аълосифат бо шаклҳои гуногун беш аз 10 намуди макарон истеҳсол шуда, дар борхалтаҳои аз 450 то 900 грамм бастабандӣ карда мешавад.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як шабонарӯз 3,6 тонна макарони босифат мебошад. Корхона имкон дорад, ки дар як моҳ 75,6 тонна ва дар як сол наздики 1000 тонна макарон истеҳсол намояд.

Раванди истеҳсоли макарон тавассути хатти муосири технологӣ аз тайёр кардани хамир, ба шаклдорорӣ, буридани маҳсулоти хом, хушк сохтан, ҷудо намудан ва бастабандӣ кардан иборат мебошад. Ин раванд 45 дақиқаро дар бар гирифта, дар натиҷа макарони аълосифат истеҳсол мегардад.

Масоҳати бинои истеҳсолӣ 350 метри мураббаъ буда, дастгоҳу таҷҳизоти корхонаи навбунёд аз Ҷумҳурии Мардумии Чин харидорӣ ва насб гардидааст.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Рател Паста» дар ноҳияи Дарвоз аз зумраи аввалин корхонаҳои саноатӣ аст, ки ба истеҳсоли макарон шурӯъ намуд. Ин навъи маҳсулоти ғизоӣ ивазкунандаи воридот буда, талаботи аҳолӣ ба он зиёд мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ аз имкониятҳои корхонаи саноатӣ, ба сифати маҳсулоти хӯрокворӣ, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барои афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолот ва ба содирот баровардани истеҳсолоти ватанӣ ба масъулон маслиҳат ва тавсияҳои судманд доданд.

**15-уми августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмааи сайёҳию истироҳатии «Чорчаман» аз намоишгоҳи дастовардҳои сокинони ноҳияи Дарвоз дидан намуданд.**

Дар растаҳои алоҳида маҳсулоти корхонаҳои истеҳсолии ноҳияи Дарвоз, аз қабили калсит ва маводи аз он истеҳсолшаванда, санги мармар, маҳсулоти пластикӣ, бомпӯш, рангҳои ороишӣ, маҳсулоти қаннодӣ, ордӣ ва меваю сабзавоти хушки бо сифати баланд ва замонавӣ бандубастшуда, обҳои ташнагишикан, армуғонҳо, ба маърӯз гузошта шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати маҳсулоти дар ноҳияи Дарвоз истеҳсолшаванда, аз ҷумла ба тарзи замонавӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори байналмилалӣ бандубаст шудани меваю сабзавот, баҳои баланд дода, барои тарғиби бештари намудҳои гуногуни ин номгӯи маҳсулот ба масъулон дастури мушаххас доданд.

Ба дарназардошти фаровонии гулу гиёҳ дар кӯҳсори минтақа соҳибкорони ватандӯст дар Парки инноватсионию технологии ноҳияи Дарвоз корхонаи «Гулоба» ташкил намуда, истеҳсоли атриётро ба роҳ мондаанд, ки дар намоишгоҳ номгӯи зиёди маҳсулоти он муаррифӣ карда шуд. Ин таҷриба, яъне истеҳсоли маҳсулоти атторӣ, дар кишвар бори аввал ба роҳ монда мешавад.

Занбӯриасалпарварӣ дар ноҳияи Дарвоз аз шуғли асосии сокинон ба ҳисоб меравад. Асали табииро бо усули махсус ва сифатнок бандубаст намудаанд, ки таваҷҷуҳи харидорро дар бозор ба худ ҷалб менамояд. Дар ноҳияи Дарвоз ба ин самт аҳамияти хоса зоҳир намуда, асалро дар бастаҳои диққатҷалбкунанда пешкиши харидор менамоянд.

Дар ҳамон ҷо ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раванди парвариш ва истеҳсоли моҳии сурх, ки оянда дар ноҳияи Дарвоз ва дигар минтақаҳои мувофиқ ба роҳ монда мешавад, муаррифӣ карда шуд. Парвариши моҳии сурх дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз роҳандозӣ нашудааст ва ин нақша бори аввал дар Тоҷикистон бо истифода аз технологияи нав амалӣ мешавад.

Моҳии сурх асосан дар баҳр сукунат мекунад. Мутахассисон бо пайдо намудани роҳҳои нав парвариш ёфтани онро дар Тоҷикистон имконпазир донистаанд.

Дар гӯшаи дигари намоишгоҳ маҳсулоти коргоҳу корхонаҳои дӯзандагӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, хоса қолинбофӣ, ба намоиш гузошта шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳунари дастии занону духтарони ноҳияи Дарвоз мароқ зоҳир намуда, ҷалби бештари ҷавондухтаронро ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ муҳим шумориданд. Инчунин, дар намоишгоҳ бозёфтҳои таърихӣ, аз ҷумла лавозимоти рӯзгор, ки аз ҳудуди шаҳраки Дарвози қадима - қалъаи Карон пайдо гардидаанд, ба маърӯз гузошта шуд.

Маҷмааи сайёҳию истироҳатии «Чорчаман» дар Тоҷикистон аз ҷойҳои писандидаи сайёҳони дохилию хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Табиати рангин, гулу дарахтони зебо ва шаршараю дарёи пуртуғёни ин мавзеъ диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб мекунад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастовардҳои сокинони шарафманди ноҳияи Дарвозро назаррас арзёбӣ карда, истифодаи самараноку оқилонаи имкониятҳои табиии мавҷударо амри муҳим шумориданд.

***(Гузоришҳо аз идомаи сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ВМКБ дар шумораҳои оянда ба нашр мерасанд).***

**www.president.tj**




## БАРОИ ТАВСЕАИ ФАЪОЛИЯТ 3 МЛРД. 190,7 МЛН. СОМОНӢ ХАРҶ ГАРДИД

**– Бо мақсади иҷрои супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то оғози соли хониши 2023-2024 таъмин намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо либоси мактабии истеҳсоли ватанӣ бетаъхир тадбирандешӣ гардида, истеҳсоли либоси мактабӣ 1,79 миллион ҷуфтро ташкил дод, – гуфт зимни нишасти матбуотӣ (ҳафтуми августи соли равон) вазири саноат ва технологияҳои нави ҷумҳурӣ Шералӣ Кабир.**



Муҳим он аст, ки дар давоми шаш моҳи аввали соли равон истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ ба 20,7 миллиард сомонӣ расида, дар муқоиса ба ҳамин марҳилаи соли гузашта 1,8 миллиард сомонӣ афзудааст. Корхонаҳои соҳаи саноати сабук ва пилла, бо назардошти корхонаҳои пахтатозакунӣ моҳҳои январ-июни соли 2023 ба маблағи зиёда аз 1,5 млрд. сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи соҳа дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ 7,3 фоизро ташкил дод.

Дар ҷумҳурӣ 24,5 ҳазор тонна нахи пахта истеҳсол шуд, ки нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта 6 ҳазор тонна зиёд буда, суръати афзоиш 133,0 фоиз таъмин гардид. Дар корхонаҳои коркарди нахи пахта 11,3 ҳазор тонна ресмони пахтагӣ истеҳсол гардида, дар коргоҳҳои бофандагӣ истеҳсоли ин намуди матоъ зиёда аз 12 млн. метри мураббаъро ташкил дод.

Бино ба гуфти вазир, аз ҷониби корхонаҳои дӯзандагӣ ба маблағи 201,6 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли қаблӣ 4,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Шоистаи зикр аст, ки аз маҳсулоти истеҳсолшуда 77 фоиз ба хориҷи кишвар содирот шуд.

Маълумоти дигари ҷолиб истеҳсол гардидани зиёда аз 4,2 млн. ҷуфт ҷӯроби пахтагӣ, 2,7 млн. метри мураббаъ қолин ва мебел ба маблағи 38,4 млн. сомонӣ мебошад.

Дар давраи мавриди назар аз маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ 61,4 дарсад ба саноати коркард, 20,4 фоиз ба саноати истихроҷ, 17,8 дарсад ба таъминоти неруи барқ, газ, буғ, тозакунии ҳаво, 0,4 фоиз ба соҳаи таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партов рост меояд.

Вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир гуфт, ки дар ин давра дар ҷумҳурӣ 489 корхонаю коргоҳи нави саноатӣ, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе - 141, вилояти Хатлон - 83, Суғд - 162, ВМКБ - 6 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 97 адад мавриди истифода қарор гирифта, дар онҳо 2400 нафар соҳиби ҷойи кор шуд. Қобили зикр аст, ки дар корхонаҳои нав аллакай ба маблағи 115,5 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардид.

Қобили таваҷҷуҳ ва арзандаи ситоиш аст, ки дар ин давра барои таъсиси истеҳсолоти нав, воридоти таҷҳизоти технологӣ ва васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ 3 млрд. 190,7 млн. сомонӣ маблағи корхонаҳо ва сармояи хориҷӣ харҷ гардидааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли сипаришуда 833,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

## ТАБИБОНИ БЕМОРИҲОИ РӮҲӢ НАМЕРАСАНД

**Нуҳуми августи соли ҷорӣ нишасти матбуотии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки васеи рӯзноманигорон доир гашт.**

Яке аз мавзӯъҳои калидии ин нишаст норасоии табибон дар муассисаҳои тандурустии мамлакат буд, ки вазири тандурустӣ Ҷамолиддин Абдуллозода дар ин хусус чунин гуфт:

- Ҳоло дар муассисаҳои тандурустии ҷумҳурӣ норасоии мутахассисон ҷой дорад. Ба ҳолати якуми июли соли равон дар кишвар 2298 табиб ва 575 ҳамшираи тиббӣ намерасанд. Айни ҳол 87,9 фоиз воҳидҳои кории табибон ва 97,6 фоиз кормандони миёнаи тиббӣ банд ҳастанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,8 фоиз ва 2,1 фоиз зиёд мебошад. Бояд бигӯем, ки сол то сол ин мушкил ҳалли худро ёфта истодааст.

Номбурда афзуд, ки дар ҳоли ҳозир дар шаҳри Душанбе 49 табиб ва 35 ҳамшираи тиббӣ намерасанд. Дар вилояти Хатлон норасоии табибон ба 788 нафар расида, аз нарасидани ҳамшираи тиббӣ дар вилоят танқисӣ кашида намешавад. Дар вилояти Суғд ба 579 табиб ва 54 ҳамшираи тиббӣ ниёз ҳаст. Дар ноҳияҳои тобеи марказ бошад, 412 табибу 319 ҳамшираи тиббӣ намерасанд. Илова бар ин муассисаҳои хусусӣ низ аз набудани 149 пизишк ва 67 ҳамшира танқисӣ мекашанд.

Оид ба масъалаи ба муҳоҷират рафтани тибибон ё аз рӯи ихтисос кор накарданашон вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ чунин ибрози назар кард:

- Дар нимсолаи аввали соли равон 79 табиб бо сабабҳои гуногун тарки кор карданд. Ба табибони бахше ихтисосҳо дар дигар кишварҳо низ талабот зиёд аст ва барои ҳамин қисме аз мутахассисон ба муҳоҷират мераванд. Дар феҳристи чунин мутахассисон, аз ҷумла духтурони оилавӣ, терапевт, кардиолог, реаниматолог, момодоя мебошанд. Аз ҷониби дигар, 70-80 фоизи хатмкунандагони соҳаи тандурустӣ тариқи шартномавӣ таҳсил мекунанд ва онҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ барои кор кардан аз рӯи ихтисосашон маҷбур карда наметавонем.



Ҷамолиддин Абдуллозода илова намуд, ки ҳоло дар кишвар ихтисосе нест, ки мутахссиси он самт вуҷуд надошта бошад, танҳо дар бархе бахшҳо, аз ҷумла нарколог-психиатр, кам мебошанд.

Ба гуфти масъулин масъалаи норасоии кадрӣ дар солҳои наздик ҳалли худро меёбад ва дар ин самт корҳо рафта истодаанд.

Ёдовар мешавем, ки тибқи маълумоти масъулини Беморхонаи ҷумҳуриявии бемориҳои рӯҳӣ, ҳоло дар саросари ҷумҳурӣ барои табобати беморони рӯҳӣ наздики 200 табиб намерасад. Дақиқан, дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав, Файзобод, Роғун, Нуробод, Рашт, Лахш, Тоҷикобод, Ванҷ, Хоруғ, Дарвоз, Мурғоб, Ишкошим, Рошқалъа ва 13 ноҳияи вилояти Хатлон умуман табиб барои беморони рӯҳӣ нест.

**Ҳ. ТОҲИРОВ, «Садои мардум»**



## СОДИРОТИ МОЛ КОҲИШ ЁФТ

**10-уми августи соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон Ашурбой Солеҳзода муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуд, ки дар шаш моҳи аввали соли равон дар соҳаи саноат барои ноилшавӣ ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва таъмини талаботи бозор бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нав, истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва содиротӣ 490 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 2400 ҷойи нави корӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.**

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар нимсолаи якуми соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 20,7 миллиард сомонӣ баробар гардид. Суръати рушди соҳаи саноат аз ҳисоби 14,2 фоиз афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард, 7,3 фоиз саноати истихроҷ ва 13,6 фоиз таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво таъмин гардидааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2023 ба ҷумҳурӣ 736,1 миллион доллар сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки аз он 86,5 миллион долларро сармояи мустақим ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумоти омори гумрукӣ дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3415 миллион долларро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 98,2 миллион доллар коҳиш ёфтааст. Содироти мол нимсолаи аввали соли ҷорӣ 678,6 миллион долларро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 44,2 фоиз ё 536,6 миллион доллар кам аст. Омили асосии коҳиш ёфтани нишондиҳандаи содирот ин кам шудани ҳаҷми содироти металлҳои қиматбаҳо, маъданҳо, нахи пахта ва алюминийи аввалия ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон номбурда тазаккур дод, ки дар баробари ин содироти молҳои ғайриозуқаворӣ, ба монанди либос, маҳсулоти кимиёвӣ, мис, нӯшокиҳои спиртдор ва беспирт, рангҳои сохтмонӣ, ангишт, орд, халтаҳои бастабандӣ, маҳсулоти пластмасӣ ва ҷӯроб афзоиш ёфтанд.

Дар ин давра воридоти мол ба 2736,4 миллион доллар баробар гардида, нисбат ба шаш моҳи аввали соли гузашта 19,1 фоиз ё 438,4 миллион доллар зиёд шуд. Зиёдшавии нишондиҳандаи воридот асосан аз ҳисоби зиёд шудани ҳаҷми воридоти гандум, маҳсулоти нафтӣ, гази моеъ, таҷҳизоти технологӣ, мошинҳои барқӣ ва таҷҳизот, воситаҳои парвозкунанда, ҷӯбу тахта ва маҳсулоти он, инчунин шумораи воситаҳои нақлиёти заминӣ ба миён омадааст.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

## ОБУНА - 2024

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ИДОМА ДОРАД.**

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

**НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 196 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.**

**Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.**

***Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:*** **с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.**


**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 417254 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун | Гузаронидани хатти оби гарм дар муассисаи таълими томактабии №6, воқеъ дар кӯчаи 25-солагии Истиқлолияти шаҳри Роғун | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2023 11:40:00 |
| 2 | 417256 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 2-и ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории дохил ва беруни бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2023 14:00:00 |
| 3 | 417257 | Иттифоқи композиторони Тоҷикистон | Таъмиру таҷдиди бинои Иттифоқи композиторони Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.08.2023 14:00:00 |
| 4 | 417251 | Маркази вилоятии солимгардонии касалиҳои шараёну дили шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 04.09.2023 16:36:00 |
| 5 | 417253 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Молҳои хоҷагидорӣ, электрикӣ, равғанҳои молиданӣ ва қисмҳои эҳтиётии автомашина | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 45 | 05.09.2023 08:20:00 |
| 6 | 417258 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сохтмони бинои кӯдакистон дар Ҷамоати деҳоти Унҷи деҳаи Мусаффои ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.09.2023 14:37:37 |
| 7 | 417259 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №12» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 05.09.2023 14:37:37 |
| 8 | 417260 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони №10»-и Ҷамоати деҳоти Хистеварз | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 05.09.2023 14:37:37 |
| 9 | 417261 | Муассисаи таълими томактабии №28 | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 44 | 05.09.2023 14:37:37 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪЛОН!

ҶДММ «Тоҷик Аудит Машварат» сармояи умумии оинномавиашро аз 10-уми августи соли 2023 ба маблағи 2500 (ду ҳазору панҷсад) сомонӣ кам менамояд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматии таҳти феҳрасти №5067, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 291, хонаи 69 ба Шерхонова Шарора Азизмадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии ҶДММ хоҷагии деҳқонии «Амон» (РМА 150000442, РЯМ 1510000764), воқеъ дар ноҳияи Варзоб, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши силсилаи ДШ № 0120192-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 10-уми октябри соли 2006 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 291, хонаи 69 ба Шерхонова Шарора Азизмадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Нусратулло Махсум, бинои 8, хонаи 70 ба Нурова Ҳамида Одинаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ба ҳуқуқи моликият супоридани квартираи таҳти феҳрасти 8Ш1-2772, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 12-уми сентябри соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Нусратулло Махсум, бинои 8, хонаи 70 ба Нурова Ҳамида Одинаевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Б №263533-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло МТМУ №111-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе) соли 1985 ба Назарова Раҷабгул Ҷалоловна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи меҳнатии гумшуда, ки соли 2000-ум дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои Нуралиев Асомиддин Абдураҳимович ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 0642338-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и шаҳри Душанбе соли 2019 ба Солиев Рустам Алишерович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Кофарниҳон, хонаи 24 «а» ба Оятуллои Раҳмат додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии силсилаи ДШ №1011840-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 31-уми декабри соли 2018 таҳти феҳрасти 1Ш-2284 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Кофарниҳон, хонаи 24 «а» ба Оятуллои Раҳмат додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии силсилаи ДШ № 0528830-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 4-уми сентябри соли 2016 таҳти феҳрасти 1Ш-1977 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Кофарниҳон, хонаи 24а ба Бохтуров Искандар Хайриддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Кофарниҳон, хонаи 24а ба Оятуллои Раҳмат додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи №А01030070-и гумшуда, ки онро ШВКД дар шаҳри Истаравшан 9-уми октябри соли 2017 ба Муллоҷонов Фаррухҷон Акмалҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Кулиева Зулайхо Ҳазраткуловна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Ҳасанов Анвар Ҳабибуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Панҷрӯд, хонаи 201 ба Сарихов Субхон Тағоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Литсейи касбии саноати нассоҷии шаҳри Душанбе соли 2022 ба Ниёзов Абдуғанӣ Абдуҳалимович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро Литсейи касбии саноати нассоҷии шаҳри Душанбе соли 2022 ба Ниёзов Абдуғанӣ Абдуҳалимович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 25/6, хонаи 4 ба Азимов Аҳмадҷон Саломудинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 25/6, хонаи 4 ба Азимов Аҳмадҷон Саломудинович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 25/6, хонаи 4 ба Азимов Аҳмадҷон Саломудинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии таҳти қайди 58169-и гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Зарафшон, бинои 22, хонаи 31 ба Солиҳов Давлат додааст, эътибор надорад.

✓ Манзилномаи (ордери) № 003864-и гумшуда, ки онро Ҳукумати шаҳри Душанбе, бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Зарафшон, бинои 22, хонаи 31 ба Солиҳов Давлат Қуватович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №1149187-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и шаҳри Норак соли 2023 ба Олимзода Сино Саидмуртазо додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда бораи ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор 17-уми декабри соли 2016 ба Қосимов Ниёзмурод Давлатович (РМА 095182802, РЯМ 0930136259) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №0771769-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №93-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2020 ба Саъдуллоев Сироҷ Амриддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Роҳхати № 23/54-и гумшуда, ки онро Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе ба Исмоилов Хусрав Шамсуллоевич барои кор дар Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии нассоҷии шаҳри Душанбе» додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Лоҳутӣ Иншоот» (РМА 020053845) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди хоҷагии деҳқонии «Амон» (РМА 150000442, РЯМ 1510000764) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Соҳибкори инфиродӣ Сафарова Лола Музафаровна (РМА 025077483), ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба қайд гирифта шудааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

## ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ҶДММ ТАҚХ «СОМОН ТИҶОРАТ» БАРОИ СОЛИ 2022

**ҶАВОБГАРИИ РОҲБАРИЯТИ ТАШКИЛОТ БАРОИ ТАЙЁР ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2022, КИ 31 ДЕКАБР АНҶОМ ЁФТААСТ**

Роҳбарияти Ташкилоти амонатӣ қарзии хурди «Сомон Тиҷорат» (минбаъд Ташкилот) барои таҳияи дурусти ҳисоботи молиявие, ки ҳолати молиявии Ташкилотро ба ҳолати 31 декабри соли 2022 ба таври саҳеҳ инъикос менамояд, аз ҷумла доир ба ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ, гардиши воситаҳои пулӣ ва ҳаракати сармояи худӣ барои соле, ки анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ («СБҲМ») масъулият дорад.

Роҳбарияти Ташкилот барои таҳияи ҳисоботи молиявии ҳамаи тарафҳои муҳими ҳолати молиявиро эътимоднок инъикоскунанда ҷавобгар мебошад, аз он ҷумла барои пешниҳоди ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағйирёбии сармояи худӣ дар соли 2022, ки 31 декабр хотима меёбад, мутобиқи талаботҳои Стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд СБҲМ) масъул ва ҷавобгаранд.

Дар рафти таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарияти Ташкилот аз рӯи амалҳои зерин ҷавобгар аст:

- Интихоби принсипҳои муносиби ҳисобгирии бухгалтерӣ ва истифодабарии мантиқии онҳо;
- Риояи талаботи СБҲМ ва ошкор намудани тамоми майлкуниҳои асосӣ дар ташреҳоти ҳисоботи молиявӣ;
- Омодасозии ҳисоботи молиявӣ дар асоси фарзия, ки Ташкилот дарояндаи наздик фаъолияти худро идома медиҳад, бо истисноИ ҳолатҳое ки фарзия гирифтан ғайри - имкон аст.

Роҳбарият барои ҳолатҳои зерин низ масъул мебошад:

- Таҳия, амалисозӣ ва таъмин намудани фаъолияти самараноки системаи назорати дохилии Ташкилот;
- Нигоҳдории системаи баҳисобгирии муҳосибие, ки ҳама вақт тавоноии тайёркунии ахбороти сатҳи кифоятан дурустро оид ба ҳолати молиявии Ташкилотро дошта бошад ва мутобиқати ҳисоботи молиявиро ба талаботи БМТ таъмин намояд;
- Пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи қонунгузорӣ ва қолабҳои муҳосиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Барои таъмини нигаҳдории молу мулки Ташкилот дар ҳудуди салоҳиятҳои худ чораандешӣ намояд;
- Ошкорсозӣ ва пешгирии ҳолатҳои қаллобӣ, хатогиҳо ва дигар намуди суиистифодабариҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соли 2022, ки 31 декабр анҷом ёфтааст, аз тарафи роҳбарияти Ташкилот дар санаи 29 июни соли 2023 тасдиқ карда шудааст.

Бобохоҷиев С.П. Директор — Бобоева Д.С. Сармуҳосиб

**ҲИСОБОТ ОИД БА ДАРОМАДИ УМУМӢ БА САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2022**
*(бо пули миллии сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2022 | 2021 |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 14 | 1 037 | 1 230 |
| Хароҷоти фоизӣ | | (1) | (6) |
| **Даромади софи фоизӣ пеш аз захираҳои барои талафоти имконпазир** | | **1 036** | **1 224** |
| Даромад аз барқароршавии арзиши қарзҳо | 15 | 620 | - |
| Хароҷоти захираи беқурбшавии қарзҳо | | (941) | (80) |
| **Даромади соф аз барқароршавии дороиҳо** | | **(321)** | **(80)** |
| Даромад аз хизматрасонӣ | 16 | 583 | 316 |
| Хароҷотҳои хизматрасонӣ | | (211) | (114) |
| **Даромади соф аз хизматрасонӣ** | | **372** | **202** |
| Фарқияти холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 17 | - | 2 |
| Фарқияти холис аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | | (26) | - |
| **Ҳамагӣ** | | **(26)** | **2** |
| Дигар даромадҳо | 18 | 54 | - |
| Дигар хароҷотҳо | | (2) | (2) |
| **Ҳамагӣ дигар даромади соф** | | **52** | **(2)** |
| Хароҷоти маъмурӣ | 19 | (307) | (291) |
| **Фоида пеш аз андозбандӣ** | | **807** | **1 054** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 20 | (207) | (249) |
| **Фоидаи соф** | | **600** | **805** |

Бобохоҷиев С.П. Директор — Бобоева Д.С. Сармуҳосиб

**ҲИСОБОТ ОИД БА ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022**
*(бо пули миллии сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2022 | 2021 |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 5 | 2 722 | 1 284 |
| Суратҳисобҳои бонкӣ | | 1 051 | 227 |
| Қарз ба муштариён | 6 | 3 392 | 5 723 |
| Воситаҳои асосӣ | 7 | 65 | 74 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | | 202 | 224 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 8 | 6 | 250 |
| Дигар дороиҳо | 9 | 331 | - |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **7 769** | **7 782** |
| **Уҳдадориҳо** | | | |
| Амонатҳои мизоҷон | 10 | 1 128 | 742 |
| Андоз аз фоида барои пардохт | 11 | - | 74 |
| Дигар уҳдадориҳои ҷорӣ | 12 | 5 | 6 |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо** | | **1 133** | **823** |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Сармояи саҳҳомии пардохташуда | 13 | 6 000 | 6 000 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 468 | 805 |
| Захираи умумӣ | | 169 | 154 |
| Захираҳои дигар | | - | - |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **6 636** | **6 960** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва уҳдадориҳо** | | **7 769** | **7 782** |

Бобохоҷиев С.П. Директор — Бобоева Д.С. Сармуҳосиб


Конституция - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 16 августи соли 2023, соати 12:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34505 нусха*

Навбатдори шумора Н. Низомӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97